# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Сайдализода Орзу Илҳом дар мавзуи «Субъекти маҳсуси ҷиноят» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) пешниҳод шудааст.**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии докторанти фалсафа (PhD) Сайдализода Орзу Илҳом «Субъекти махсуси ҷиноят» буда, дар марҳилаи кунунӣ мубрамияти бештарро пайдо намудааст. Чунки баъди соҳиби истиқлолияти давлатӣ гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қабули Кодекси ҷиноятии ҶТ то кунун таҳқиқоти маҷмуӣ, ба хусус, ба забони давлатӣ оид ба оид ба мавзуи мазкур анҷом наёфтааст. Ин ҳолат зарурати омӯзиши бештари паҳлуҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии ҷиноятҳои аз тарафи субъектони махсус содиршавандаро ба вуҷуд овард.

Субъекти махсуси ҷиноят падидаи нав набуда, он аз низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии кишвар сарчашма мегирад. Дар манбаҳои одатию динӣ ва ҳуқуқии низомҳои ҳуқуқи зардуштӣ, мусулмонӣ ва шӯравӣ масъалаи субъекти махсуси ҷиноят то андозае мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Новобаста аз оне ки дар марҳилаи ташаккули ҳуқуқи шӯравӣ қонунгузории ҷиноятӣ арзи ҳастӣ намуда, субъекти махсусро мавриди танзими меъёрии ҳуқуқӣ қарор дод.

Докторанти фалсафа (PhD) Сайдализода Орзу Илҳом дар таҳқиқоти диссертатсионии худ ҳамаи паҳлуҳои субъекти махсуси ҷиноятро бо истифода аз усулҳои таърихию ҳуқуқӣ, назариявию ҳуқуқӣ ва системавӣ, ошкор сохта, моҳият ва хусусиятҳои хоси ин мафҳум, аломатҳои он, инчунин робитаи субъекти махсусро бо унсурҳои дигари таркиби ҷиноят мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Инчунин, масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятии субъекти махсусро мутобиқи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ, дар баробари ин, ҷавобгарии субъекти махсуси ҷиноятро барои шарикӣ дар ҷиноятҳо мавриди омӯзиш қарор додааст.

Ба воситаи таҳлили мавқеъҳои назариявие, ки дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ зикр гардидаанд, моҳият, аломатҳо ва намудҳои субъекти махсуси ҷиноят ва муҳтавои онҳо муайян карда, таърифи муаллифии субъекти махсусро пешниҳод намудааст.

Дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад аломатҳои махсуси субъекти ҷиноят ба таври васеъ инъикос ёфтаанд, ё дар диспозитсияи моддаҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятии ҶТ ва ё ҳамчун

ҳолати вазнинкунандаи ҷазоинъикос ёфтаанд. Вале то ҳозир дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон ягон таҳқиқоти илмие, ки бевостиа ба ин мавзӯъ бахшида шуда бошад, мавҷуд нест.

2. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) мувофиқат мекунад. Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, рисола аввалин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ мебошад. Дар он ба таври муназзам рушди қонунгузории ватанӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ, таҳлили аломатҳои объективию субъективӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба мавзуи номбурда, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 14 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба бандҳои 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

4. Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Диссертатсияи Сайдализода Орзу Илҳом бошад таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Бинобар ин, қайд намудан ба маврид аст, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, тависяҳо оид ба истофодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва дигар маводди илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттетстсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2024, №493)» таҳия гардидааст.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми

шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Натиҷа, нуқтаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ, бартараф намудани мушкилоти таҷрибаи судӣ дар ин самт ва раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлилҳо, озмоишҳо, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

6. Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Сайдализода Орзу Илҳом дар мавзуи «Субъекти махсуси ҷиноят» барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Сайдализода Орзу Илҳом дар мавзуи «Субъекти махсуси ҷиноят» барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Сайдализода Орзу Илҳом дар мавзуи «Субъекти махсуси ҷиноят» барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) мувофиқат доранд ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

– **Гайратов Тимуршо Муборакшоевич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,

и.в. дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар**–Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тавсия дода мешавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Азиззода У.А.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Қудратов Н.А.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи криминалистика
ва фаъолияти экспертизаи судӣ Раҳмон С.С.

**«Имзои Азиззода У.А. ва Раҳмон С.С.-ро тасдиқ мекунам»:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**

**«Имзои Қудратов Н.А.-ро тасдиқ мекунам»:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Ҷураев Ш.Н.**

«_19_» _апрел_ 2025 с.